## *ТАҚРИЗ*

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Абдували Маҳмадсаидович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

Дар шароити муосир сайёҳӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок, зудрушдкунанда ва унсури асосии даромади миллии аксар мамлакатҳо гаштааст. Дар баробари аҳамияти ниҳоят муҳимми иқтисодӣ доштан, рушди сайёҳӣ имконият медиҳад, ки равандҳои тиҷорат ташаккул ёфта, боиси муаррифии арзишҳои фарҳангии миллии мамлакатҳо дар сатҳи байналмилалӣ гардад. Ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барномаи мушаххаси рушд ворид гардида, ҷиҳати тақвият бахшидани он тадбирҳои муассир роҳандозӣ шуда истодаанд.

Вобаста ба талаботи имрӯза шаклҳои нави соҳибкорӣ дар ин замина ташаккул ёфта, бахшҳои нави фаъолияти иқтисодӣ: соҳаи хизматрасонӣ, кишоварзӣ, савдо, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра рушд намудааст, ки боиси эҷоди ҷойҳои нави корӣ гардидааст. Ҳолати воқеии рушди мусбати сайёҳӣ боиси тағйири иқтисодиёти минтақа гардида, шаҳракҳо, шаҳрҳои саноатӣ ва сайёҳӣ ба вуҷуд омаданд.

Омили дигаре, ки ҳамвора ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонад, таҷдиди инфрасохтори он, бо мақсади истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои сифатноки сайёҳӣ мебошад. Вазъи имрӯзаи соҳаи сайёҳӣ нишон медиҳад, ки бинобар сабабҳои ҷалб нагардидани сарчашмаҳои мушаххаси маблағгузорӣ, инфрасохтори сайёҳӣ ба дараҷаи кофӣ рушд накардаистодааст.

Самтҳои пешниҳодгаштаи такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ ба муҳимияти мавзӯи интихобгардида дар шароитҳои муосир ишора менамоянд.

Ҳоло сайёҳӣ яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Ба инкишофи ин соха беш аз пеш мамлакатхои чахон диккати махсус дода, аз он даромади зиёд мегиранд. Мувофиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (СҶТ), дар 10-15 соли оянда бозори кишварҳои «рушди сайёҳии нав» хеле босуръат рушд хоҳад кард: минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором, Ховари Миёна, Осиёи Ҷанубӣ ва баъзе аз кишварҳои ҷаҳон. кисмхои аз чихати сиёсӣ муътадилтарини Африка. То соли 2030 шумораи сайёҳони байналмилалӣ ба 1,9 миллиард нафар мерасад ва даромади ин соҳа ба 2 триллион доллар мерасад. Нисбат ба соли 2010 (940 миллион нафар) шумораи омадагон бештар аз ду баробар меафзояд. Дар натиҷаи ин ҳаракат тақсимоти глобалии гардиши сайёҳии ҷаҳонӣ ба амал меояд. Ин тамоюл аз кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, канор нахоҳад гирифт. Дар шароити муосир соҳаи сайёҳӣ яке аз бахшҳои босуръат рушдёбанда ва ояндадори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон  мебошад. Ба ин ҳама омилҳои асосии рушди минтақаи сайёҳӣ: табиӣ, табиӣ-таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, демографӣ, илмию техникӣ ва ғайра мусоидат мекунанд. Тавре бисёре аз коршиносон қайд мекунанд, Тоҷикистон, ки дорои фарҳанги асил, шароити мусоиди геополитикӣ мебошад. ҷойгиршавӣ, манзараҳои гуногуни табиӣ, олами наботот ва устуворӣ дар иқтисодиёт, ободию оромии ҷомеа, як ҷозибаи беназири сайёҳӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки автореферати Сафаров Абдували Маҳмадсаидович таҳлили амиқи илмӣ ва омӯзиши усулҳои муосири татбиқро ифода намуда, хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Боиси тазаккур аст, ки дар автореферати мазкур мақсад, объект, предмет, усулҳои таҳлил, арзёбӣ,  барассии масъалаҳо, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳои  ҷолиб дарҷ карда шудааст.

Хуллас бояд ирбози андеша намуд, ки новобаста аз оне, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбӣ дорад, ҳамчунин камбудиҳои мазкур ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар қисмати назариявии автореферат механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ нокифоя тавзеҳ дода шудааст.

2. Муаллиф дар диссертактсия барои баҳои воқеӣ додан ба фаъолият ва хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ матритсаи SWOT-таҳлилро гузаронидanидааст (ҷадвали 6). Аммо, паҳлӯҳои таъсиррасони он дар мисоли объекти мушаххас арзёбӣ нагардидааст.

Камбудиҳои пешниҳодгардида ҷузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро таъғйир намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфт дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистои ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф Сафаров Абдували Маҳмадсаидович сазовори дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда,** д.и.и., профессор,
Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Ҷабборов А. Д.**

Имзои Ҷабборов А. Д.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ҳомидов Ш. Б.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33
Тел: +992907719353